Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи «Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 –Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевнаро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин баҳо додан мукин аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи «Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба ихтисоси мавриди назар мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз аҳамияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба раванди қонунгузорӣ вобаста аст, ки ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ самти асосии фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди қонунгузориро аз лаҳзаи татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ танзим мекунад. Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ оғози раванди қонунгузорӣ, чун қоида, бо пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфта, марҳилаи муайянеро дар бар мегирад.

Фаъолияти қонунгузорӣ дар байни самтҳои фаъолияти парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи асосиро ишғол мекунад, ки тибқи моддаи 60 Конститутсияи ҶТ, қонунҳои ҶТ-ро қабул мекунад.

Масъалаи тартиби қабули қонун аз сабаби ҳаҷми зиёди фаъолияти қонунгузорӣ дар Тоҷикистон хеле муҳим аст. Ин раванд тавассути ҷустуҷӯйи роҳҳои такмили раванди қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани сифати қонунҳои қабулшуда амалӣ мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз арзишҳои ҳуқуқии ҷаҳони мутамаддинро дарк намуда, дар навбати худ, онҳоро бо ғояҳои миллӣ ғанӣ мегардонад, дар ҳалли мушкилоти муайяни парламентаризм ва демократия хусусиятҳои милли худро ворид мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон модели муосири раванди қонунгузориро ҳамчун як намуди фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи некӣ ва адолат – арзишҳои олии умумибашарӣ нигаронида шудааст, ташаккул медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

Пешниҳодҳое, ки дар ҷараёни омӯзиш таҳия шудаанд, барои мусоидат ба такмили минбаъдаи фаъолияти қонунгузории парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Ин ҳолатҳо аҳамияти фаъолияти илмиро, ки ба таҳияи мушкилоти раванди қонунгузорӣ дар Маҷлиси намояндагон бахшида шудаанд, тасдиқ мекунанд.

Дар адабиёти илмии муосири ватанӣ ҳарчанд баъзе аз масъалаҳои даврахои раванди қонунгузории парламент аз тарафи олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ баррасӣ шудаанд, вале таҳқиқоти махсуси ҳамаҷониба ба ин самт бахшида нашуда буд. Андешаҳо ва нуктаҳои назари олимони тоҷик ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии танзими ҳуқуқии мавҷудаи масоилро муайян намуда, ҳамчунин барои бартараф кардани онҳо пешгӯии самтҳои афзалиятноки рушд ва такмили раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ мекунанд.

Мутобиқи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар раванди қонунгузорӣ на танҳо даврахо, қабули қонун ва ҷонибдории он, балки фаъолияти муштараки мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар алоқамандии зич қарор доранд, дар ташаккули заминаи қонунгузории сиёсати давлатӣ ва низоми сиёсӣ таъсири назаррас мерасонад. Ҳамчунин, Маҷлиси намояндагон дар раванди қонунгузорӣ бо мақомоти маҳаллии вакилони халқ ва дигар мақомоти давлатӣ дар робита мебошад.

Пешниҳод, тавсия ва хулосаҳои илмии таҳқиқшуда минбаъд барои рушди такмили қонунгузорӣ ва раванди қонунгузории парлумон аз аҳамият холӣ нест.

**Аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Мавзуи таҳқиқшудаи диссертатсия аз тарафи диссертант мавриди омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуда, оид ба ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии раванди қонунгузории мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози назар карда шудааст.

Доир ба натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта хулоса ва пешниҳоди муаллиф, роҷеъ ба мавзуи мазкур илман асоснокшуда ба ҳисоб рафта, нуктаҳои муҳимми он дар шакли тезис, мақола, баромад дар конфронсҳои илмӣ ва мизҳои мудаввар пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз истифодаи заминаҳои назариявӣ ва таҷрибаи раванди қонунгузории парлумони кишвар ва баъзе аз кишварҳои хориҷӣ бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ дар он хусус эътимоднок мебошанд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастури Маҷлиси намояндагон ва Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ба даст омадаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, баромад дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, масъалагузорӣ, сабки навишти диссертатсия бозгӯкунандаи саҳми шахсии муаллиф мебошад. Боиси қайд аст, ки диссертант дар мақолаҳои илмӣ ва баромадҳои худ баҳри такмили раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо ироа намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 400 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якум, ки “Асосҳои назариявии ҳуқуқӣ-конститутсионии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” унвон шудааст, аз се зербоб иборат буда, дар он андешаҳо оид ба мафҳуми раванди қонунгузории парлумон, вобаста ба хусусиятҳои он таҳлил шудаанд.

Дар зербоби якуми боби мазкур мафҳумҳои роиҷи раванди қонунгузорӣ, мисли қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, хусусияти онҳо дар асоси адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил шудаанд. Аз тарафи муаллиф нуктаҳои асосии раванди қонунгузорӣ, ки бо ҷанбаҳои худ аз дигар раванд, мурофиа, ҷараёни ҳуқуқӣ фарқ мекунанд, ибрози назар сурат гирифтааст.

Мутобиқи зербоби дуюми боби аввал, раванди қонунгузории парлумон бе расмиёти муайян, ки дар қонунгузории кишвар муқаррар шудааст, оғоз ва ба итмом расида наметавонад. Чунки қабули қонун раванд ё ва ё марҳилаи дарозро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, муаллиф давраҳои мавҷудбудаи раванди қонунгузориро, ки ба андешаи олимони ҳуқуқшинос тасниф карда шудааст, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф ба таснифоти як қатор олимон такя намуда, андешаи худро оид ба таснифи давраҳои раванди қонунгузорӣ иброз намудааст.

Дар зербоби сеюми боби якум оид ба принсипҳои умумиэътирофшудаи ташкилӣ дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ, мурофиаи қонунгузорӣ ва раванди қонунгузорӣ хулосаҳои дахлдор пешниҳод шудаанд. Бо назардошти мавҷуд будани принсипҳои самтҳои дарҷёфта, принсипҳои хоси раванди қонунгузорӣ таҳлил шудаанд. Принсипҳои раванди қонунгузорӣ, дар меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳамчун замина баромад мекунад. Дар шароити кунунӣ истифодаи принсипҳо дар раванди қонунгузорӣ хеле муҳим мебошад. Масалан, яке аз принсипҳои муҳим, ки дар раванди қонунгузорӣ татбиқ мешавад ва қариб, ки баргузории ин раванд бе истифодаи ин принсип ғайриимкон мебошад, ин принсипи истифодаи забони давлатӣ мебошад. Ба ҳамагон маълум, ки дар замони Шуравӣ ба ин принсип аҳамият дода намешуд. Аммо бо ба даст овардани истиқлолият коргузории идоракунии давлатӣ дар асоси принспипи истифодаи забони давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

Боби дуюм “Субъектҳо ва механизми амалисозии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ” ном дошта, аз чор зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм “Мафҳум ва намудҳои субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ”, ки ҳамчун ибтикори ташаббуси қонунгузорӣ маҳсуб меёбанд, таҳлил шудаанд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро аниқ муқаррар

намудааст. Як қисми субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, бо назардошти аз ваколати муқаррарнамудаи конститутсионӣ самаранок истифода накардан, дар асоси ислоҳоти конститутсионӣ аз ин ҳуқуқ маҳрум шуданд. Бинобар ин, мавҷуд будани субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва самаранок истифода бурдани онҳо аз ин ҳуқуқ барои раванди қонунгузорӣ хеле аҳамияти калон дорад.

Аз таҳлили қонунгузории кишварҳои хориҷӣ бармеояд, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро ба субъектони гуногун муқаррар намудаанд. Масалан, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар Беларус ба шаҳрвандони кишвар, дар Федератсияи Россия ба палатаи болоии парлумон муқаррар шудааст. Дар ин бобат омӯхтани таҷрибаи фаъолияти қонунгузории чунин давлатҳои хориҷӣ, ба монанди Федератсияи Россия ва Беларус аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳамчунин дар зербобҳои боби дувум оид ба аҳамияти муносибат ва фаъолияти муштараки парлумон ва ҳукумат таҳлили илмӣ анҷом ёфтааст. Фаъолияти қонунгузории парлумон яке аз ҷузъҳои ҳамкории ҳукумат ва ҷомеа буда, натиҷаи он санадҳое мебошад, ки ба ҳаёти шаҳрвандон бевосита ва ба таври назаррас таъсир мерасонад. Муҳимияти омӯзиши таҷрибаи ҳамкории парлумон ва ҳукумат дар раванди қонунгузорӣ аз фаъолияти эҷодии онҳо вобаста буда, имкони қабули қонунҳои ба ҷомеа мувофиқро дар соҳаи танзими қонунгузории сиёсати давлатӣ фароҳам меорад. Ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикршуда интихоб ва аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсияро муайян намудаанд.

Боби сеюм “Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Ин боб ба яке аз қисмати асосӣ ва муҳимми мавзуи таҳқиқшуда – қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Яъне маҳсули ин ибтикор, давраҳо ва анҷоми ин раванд қабули қонун мебошад. Дар саросари ҷаҳон парламент ваколати қабули қонунҳоро дорад. Қонунро метавон санади дорои эътибори олии ҳуқуқӣ, аз ҷониби мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор бо тартиби махсуси расман муайяншуда қабулшуда, танзимкунандаи муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ ҳисоб кард. Қонун ҳамчун асоси танзими қонунгузорӣ барои таъсир расонидан ба муносибатҳо ва равандҳои асосии рушди ҳаёти иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Муаллифи диссертатсия, бо назардошти мавқеъгириҳои олимон, дидгоҳи муаллифони алоҳида оид ба мафҳуми қонун таърифи қонунро баён намудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм ба Тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда,

бозгӯкунандаи аҳаммияти тафсири Конститутсия мебошад. Тафсири Конститутсия хусусияти меъёри расмӣ дорад. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо тавассути раванди қонунгузорӣ дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул намояд. Дархост дар бораи тафсири Конститутсия бояд нишондоди моддаҳо, қисмҳо ва бандҳое бошад, ки дар фаҳмиши онҳо норавшание мавҷуд аст. Ва инчунин баёнияи мушаххаси ин масоил таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Мавриди тазаккур аст, ки муаллифи диссертатсия ба ҷиҳати дигари масъалаи тафсир – тафсири қонунҳо низ аҳамияти ҷиддӣ додааст. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз тарафи мақомоти намояндагӣ ва қонунгузори кишвар тафсир мешавад. Дар ин зербоб назарияҳои олимони ватанӣ доир ба тафсири Конститутсия ва қонунҳо ва хусусиятҳои фарққкунандаи тафсири аз ҷониби парлумон додашуда ва аз ҷониби мақомоти назорати конститутсионӣ ба амал баровардашуда оварда шудааст. Ҳамзамон таҳлили илмии ин масъала асоснок карда шудааст.

Боби чоруми рисола "Банақшагирии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" фарогири ду зербоб мебошад.

Дар зербоби якуми боби чоруми рисола ба "Масъалаҳои мубрами банақшагирии раванди қонунгузорӣ" таваҷҷуҳ сурат гирифта, зикр карда шудааст, ки банақшагирии қабули қонунҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 2000 инҷониб ба миён омадааст. Банақшагирии раванди қонунгузорӣ аксар вақт тавассути фаъолияти якҷоя ва пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси намояндагон, аъои Маҷлиси миллӣ, аъзои Ҳукумат ва дигар субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ анҷом дода мешавад. Таҷрибаи фаъолияти қонунгузорӣ нишон дод, ки дар таҷрибаи амалии Маҷлиси Олӣ банақшагирии таҳия ва қабули қонунҳо ба роҳ монда шудааст. Ҳамин тавр, аҳамияти банақшагирии фаъолияти қонунгузорӣ дар он аст, ки бо ёрии он масъалаҳои муҳимро ҳал кардан мумкин аст, монанди ба даст овардани маълумоти пешгӯии илмӣ дар асоси таҳлили тамоюлҳои инкишофи қонунҳо, муайян намудани талаботи иҷтимоӣ ва доираи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар оянда бояд бо қонун танзим карда шаванд; муайян кардани шаклу усулҳои пешгӯии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, афзалияти омода намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии аввалиндараҷа. Метавон гуфт, ки банақшагирии чорабиниҳои қонунгузорӣ ҷиҳати рафъи камбудиҳо дар амалияи кунунии қонунгузорӣ, аз қабили ноустувории танзими ҳуқуқӣ, шитобкории аз ҳад зиёд дар таҳия ва қабули қонунҳо, номувофиқ будани баъзе муқаррароти консептуалии

қонунҳои ба ҳам алоқаманд, вобастагии аз ҳад зиёди интихоби қонунҳо мусоидат мекунад.

Мутобиқи Дастури Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ, барномаҳои тахмини кории палатаҳо барои иҷлосияи ҷорӣ аз ҷониби Шурои палатаҳо таҳия карда мешавад. Банақшагирии раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагонро барномаи тахминии кори қонунгузорӣ аз рӯи лоиҳаҳои қонунгузории мавриди баррасӣ қарордошта ва барномаи кори қонунгузории кумитаҳои Маҷлиси намояндагон дар бар мегирад. Барномаи тахминии кори қонунгузории Маҷлиси намояндагон аз рӯи лоиҳаҳои қонунҳое, ки бояд дар навбати аввал баррасӣ шаванд, дар яке аз ҷаласаҳои аввали иҷлосияи ҷорӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагон тасдиқ карда мешавад. Банақшагирии фаъолияти қонунгузорӣ омили мураккаб мебошад, ки он бояд то ҳадди имкон манфиатҳои ҳамаи субъектони ташаббуси қонунгузориро, новобаста аз мақом ва сатҳи қонунгузорӣ, ба назар гирифта, инчунин дурнамои дарозмуҳлати рушди қонунгузориро таъмин намояд.

Зербоби дуюми боби чорум “Экспертизаи лоиҳаи қонунҳо” ном дорад. Ҷорӣ намудани институти экспертизаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оғози мусбат – воситаи такмили омодагии қонунгузорӣ, фаъолияти қонунгузории парлумони кишвари мо, баланд бардоштани сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда мебошад. Намудҳои экспертиза вобаста ба дараҷаи омода намудани лоиҳаи қонун барои баррасии он метавонад фарқ кунад. Лоиҳаи қонунҳое, ки сатҳи пасти омодагӣ доранд, одатан аз экспертизаи пешакӣ сар карда, аз якчанд санҷиш, аз ҷумла санҷишҳои такрорӣ бе маҳдудияти шумораи онҳо, инчунин аз санҷишҳои иловагӣ мегузаранд. Дар сурати мавҷуд набудани эродҳо оид ба лоиҳаи қонун, экспертизаи пешакӣ, такрорӣ ё иловагӣ гузаронида намешавад. Масалан, экспертизаи лоиҳаи қонунҳо аз тарафи Палатаи ҳисоб, Бонки миллӣ метавонад гузаронида шавад. Баъзе аз намудҳои экспертизаҳо, новобаста аз соҳа, нисбати ҳамаи лоиҳаҳои қонунҳо гузаронида мешавад. Масалан, экспертизаи ҳуқуқӣ новобаста ба кадом самт ва ё соҳа тааллуқ доштанаш, гузаронида мешавад. Ҳолатҳои зикршударо ба инобат гирифта, Яқубова С.Н. кӯшидааст мансубияти намудҳои экспертизаи лоиҳаи қонунҳоро ба категорияҳои ҳатмӣ ва ё ғайриҳатмӣ ба таври амиқ таҳқиқу баррасӣ намояд.

Боби панҷуми рисола “Имзои қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интишор ва ба қувваи амал даромадани онҳо” унвон шудааст. Имзои қонун аз тарафи Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон яке аз даврaҳои охирини раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати муайян ба қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати бо он розӣ будан имзо мегузорад. Баъд аз имзо гузоштан қонун бо супориши Президент дар матбуоти расмии даврӣ нашр мешавад.

Нашр шудани қонунро бархе аз олимон давраи раванди қонунгузорӣ ҳисоб мекунанд. Аммо муаллифи диссертатсия марбути раванди қонунгузорӣ набудани нашри қонунро ба тариқи илмӣ асоснок кардааст. Чунки нашр шудани қонун аллакай дар ихтиёри парлумон нест. Зеро парлумон ба он дастрасӣ надорад. Ва ин ба ваколати Ҳокимияти иҷроия мансуб аст.

Ҳамчунин ба қувваи амал даромадани қонун давраи раванди қонунгузорӣ низ ба ҳисоб намеравад. Бояд тазаккур дод, ки дар таҷрибаи қонунгузорӣ ба қувваи амал даромадани қонун ҳолатҳои гуногунро муқаррар менамояд. Масалан, дар худи қонун чунин муқаррарот мавҷуд аст: қонун аз рӯзи нашр ба қувваи амал медарояд, ё қонун баъд аз нашр ба қувваи амал медарояд. Баъзе аз қонунҳо ва ё алалхусус кодексҳо баъди муҳлати муайян ба қувваи амал медароянд, ки дар худи санад муқаррар шудааст ва ё санади дигар барои ба қувваи амал даромадани он қабул шудааст.

Дар хулосаи рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, таҳлилу баррасии масъалаи "раванди қонунгузорӣ" натиҷагирӣ шуда, пешниҳодҳо баён гардидаанд.

**Нашри натиҷаи диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Аз ҷониби диссертант оид ба мазмун ва моҳияти рисола 2 монография, зиёда ва 50 мақолаи илмӣ, аз ҷумла зиёда аз 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёда аз 10 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, ки натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар маводи нашргашта инъикос гардидааст.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки дар шакли тавсияҳо ба муаллиф пешниҳод мегардад:

1. Мафҳуми раванди қонунгузорӣ, ки С.Н. Яқубова пешниҳод менамояд ва онро асосан ҳамчун фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ баҳри роҳбарӣ намудан ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд мекунад (С. 29), баҳснок мебошад. Бояд қайд кард, ки раванди қонунгузорӣ на фақат хусусияти соҳавӣ, инчунин хусусияти байнисоҳавӣ ва комплексӣ низ дорад.

2. Дар баррасӣ ва қабули қонунҳо дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳар ду палата муайян карда шуда, муаллиф истилоҳҳои «палатаи болоӣ» ва «палатаи поёнӣ»-ро истифода бурдааст, аммо мушаххасан нагуфтааст, ки ин ду мафҳум дар қонунгузории соҳавӣ ба таври расмӣ эътироф шудаанд ё не (с.243).

3. Муаллиф дар саҳифаи 157 диссертатсия пешниҳод намудааст, ки Маҷлиси миллӣ низ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бархӯрдор бошад, ҳол он ки аъзоёни Маҷлиси миллӣ аз ин ҳуқуқ бархӯрдоранд.

4. Дар саҳифаи 282 диссертатсия иброз шудааст, ки банақшагирии фаъолияти қонунгузории Маҷлиси миллӣ дар баъзе ҳолатҳо аз Маҷлиси намояндагон вобастагӣ дорад. Ин эродҳои зикрнамударо муаллиф дар вақти ҳимоя намудани диссертатсия асоснок намояд.

Дар маҷмуъ, эродҳо ва пешниҳодҳои зикршуда хусусияти баҳснок ва тавсиявӣ доранд ва сифати таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои илмии муаллиф фарқ мекунад. Рисола ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҳия шуда, автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Зикр бояд намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, ба таври мустақил аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст. Таҳқиқоти мазкур ягонагии дохилӣ ва мантиқӣ дошта, бо риояи усулҳои муҳимми илмӣ анҷом шудааст. Тарзи масъалагузорӣ, яъне бобҳо ва зербобҳои он пурра дар доираи мавзуи таҳқиқот тартиб дода шуда, таҳлил ва баррасии онҳо ба таври низомнок сурат гирифтааст. Дар умум, сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи дахлдори таҳияи диссертатсияи доктори илм ҷавобгӯ буда, бо риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ аз ҷониби муаллиф навишта шудааст.

Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳои аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида аҳаммияти баланди илмӣ дошта, метавонанд дар сатҳи илми ҳуқуқшиносии муосир ва амалияи раванди қонунгузорӣ ба таври васеъ истифода гарданд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 32, 33 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ ва дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намуда, ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди қонунгузорӣ равона мегардад. Дар доираи он консепсияҳо ва андешаҳои асосноки илмӣ пешниҳод гардидааст, ки саҳми муаллифро дар ин самт нишон медиҳад. Ҳамчунин, масъалаҳо ва падидаҳои гуногуни ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ аз ҷониби муаллиф баррасӣ ва таҷдид шуда, муҳиммият ва нақши онҳо дар низоми муносибатҳои марбут ба раванди қонунгузорӣ муайян гардидааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи «Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» ба талаботи пешбининамудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Ректори Донишгоҳи давлатии Кулоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д. С.

«Имзои профессор Раҳмон Д.С.-ро тасдиқ мекунам».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рудакӣ Амиров Ф. А.

«15» «06» соли 2024